# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Садирова Ҷамила Шарифовна дар мавзуи “Бозиҳои расмӣ ҳамчун омили самаранокии баланд бардоштани сифати таълими хонандăғони синфҳои ибтидоӣ”, ки ба рои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

Кори илмию таҳқиқотиро Садирова Ҷамила Шарифовна ҳанӯз аз соли 2019 мавриди унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара қабул гардидан ва ҳамзамон ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи мазкур фаъолият намудан мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар давраи кори унвонҷӯӣ Садирова Ҷамила Шарифовна худро ҳамчун шахсияти кордону нуктасанҷ, масъулиятнок ва қавиирода нишон дода, доимо аз болои баланд бардоштани маҳорати касбии худ кӯшиш менамояд. Садирова Ҷамила қобилияти мустақилона гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро бо истифодаи маводи васеи илмӣ нишон дода, аз сарчашмаҳои илмӣ, осори файласуфон, мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, омӯзгорон, равоншиносон ва дигар олимон, ки дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ, эътиқоди ахлоқӣ, меъёру принсипҳои омода намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои расмӣ осори бою ғанӣ доранд, васеъ истифода намудааст.

Дар тарбияи маънавию ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун зиннаи аввали таҳсилот, ки яке аз зинаҳои асосӣ ва муҳимтарин дар раванди таълим маҳсуб меёбад, бозиҳои расмӣ ҳамчун омили самаранокии баланд бардоштани сифати таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Ҷиҳати мусбати мавзуи интихобнамудаи Садирова Ҷ. аз он иборат аст, ки маҳз зинаи аввали таҳсилотро интихоб намудааст. Аз нуқтаи назари илмӣ ин давра хеле давраи мураккаб аст, ки маҳз дар ҳамин давра ташаккули ҷаҳонбинии шахсият сурат мегирад. Бинобар ин, муҳаққиқ таълими хонандагони синфҳои ибтидоиро тавассути бозиҳои расмӣ ҳамчун омили самаранокии баланд бардоштани сифати таълим, ки тақозои ҷомеаи имрӯза мебошад, интихоб намудааст. Бо интихоби роҳу равиш ва истифодаи шаклҳои босамари омода намудани омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба мақсади гузошта ноил гаштааст. Муҳимтарин вазифа дар ҷараёни таҳқиқот иборат аз он аст, ки аз захираи бузурги таълимоти педагогии мутаффакирон, равоншиносон

ва омӯзгорон оид ба бозиҳои расмӣ мавод интихоб гардидааст, ки барои самаранокии таълим мусоидат менамояд. Таҳқиқоти Садирова Ҷ. дар асоси дастовардҳои педагогикаи муосири тоҷик ва бо назардошти ақидаҳои педагогии олимони ватанию хориҷӣ таҳия шуда, тарбияи сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инҳоро дар тарбияи насли наврас пешниҳод менамояд.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳо дар нашрияҳо илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд.

Хулоса, таҳқиқоти Садирова Ҷамила Шарифовна кори илмии мустақили тахассусиест, ки дар он ҳалли як масъалаи муҳим, ки барои илм ва амалияи педагогӣ зарур аст, таҳқиқ гардидааст. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ҷавобгӯ буда, барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тавсия мешавад.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ
ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Котибова Ш.П.

Имзои Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.